# Т а қ р и з

**ба фишурдаи рисолаи илмии Одинаев Саидаҳмад дар мавзӯи “Воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб дар забони адабии муосири тоҷик” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯи ихтисоси 10. 02. 22 – Забонҳои кишварҳои Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии (аборигенҳои) Амрико ва Австралия (забони тоҷикӣ)**

Фишурда чун анъана иборат аз қисматҳои аҳамияти мавзӯи таҳқикот, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, мақсади ва навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии рисола иборат буда, минбаъд панҷ нуктаи асосии барои ҳимоя пешниҳодшуда номбар шудаанд, ки ин нуктаҳои пешниҳодшуда аз мавқеи воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб дар байни гурӯҳҳои дигари сохтории фразеологияи забони адабии муосири тоҷикӣ, таркиби лексикиву сохтории воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб, хусусияти маъноии онҳо, муносибати воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб бо категорияҳои дигари фразеологӣ – муродифот ва мутазодоти фразеологӣ, умумият ва фарқияти онҳо ва ғ. иборатанд.

Муаллиф дар қисмати дараҷаи омӯзиши мавзӯъ соҳибқаламони зиёдеро, аз ҷумлаи забоншиносони хориҷӣ монанди Л. И. Ефимов, С. Г. Гаврин, Н. Н. Амосова, В.Н.Анасимова, И.С.Горелик, А.В. Кунин, Ш. Балли, В.В.Виноградов И.И.Чернишева ва дигарон, ки доир ба масъалаи фразеология таҳқиқот арзишманд анҷом додаанд, номбар карда, хизмати онҳоро дар ҳалли масоили илми фразеология қайд намудааст.

Рисола дар асоси маводи осори адибони тоҷик С. Айнӣ, Ҷ.Икромӣ, М. Турсунзода, С. Улугзода, А. Деҳотӣ, Р. Ҷалил, Ф. Ниёзӣ, Ф.Муҳаммадиев, Р. Амонов, Ю.Акобиров, М.Хоҷаев, И.Файзуллоев, А. Баҳорӣ, Сорбон, Саттор Турсун, М.Наҷмиддинов, Б.Насриддинов, У. Кӯҳзод, М. Бахтӣ А. Самадов, М. Пулодов, Баҳром Фирӯз, Баҳманёр, инчунин луғатҳои дуҷилдаи «Фарҳанги ибораҳои рехта» (тартибдиҳанда М.Фозилов) ва «Фарҳанги забони тоҷикӣ» иншо шудааст.

Усули таҳқиқи диссертатсия тасвирӣ-системавӣ буда, дар такя ба назарияи илмии муҳаққиқони шинохта В. В. Виноградов, Ш. Балли, Н. М. Шанский, В. П. Жуков, В. Л. Архангелский, Ю. А. Бурмистрович, С. Г. Гаврин, В. П. Губарев, В. М. Мокиенко, Л. И. Ефименко, Ю. А. Рубинчик, Н. Масъумӣ, Р. Ғаффоров, Ҳ.Маҷидов, С.В.Хушенова анҷом дода шудааст.

Натиҷаҳои тадкиқоти дар конфронсҳои илмию назариявии мухталиф пешниҳод шуда, дар 10 мақолаи чопшудаи муаллиф дар маҷаллаҳои илмӣ, аз ҷумла 4 мақолаи банашррасида дар дар маҷаллаҳои

тақризшавандаи шомили феҳристи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос шудаанд.

Диссертатсия аз муҳаддима, се боби асосӣ, хулоса, ва номгӯи адабиёти истифодашудаи илмӣ ва бадеӣ иборат аст.

Дар боби аввал, ки «Мавқеи воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб дар байни дигар гурӯҳҳои сохтории фразеологияи забони адабии муосири тоҷикӣ» ном дорад, муаллиф алоқамандии воҳидҳои фразеологиро бо воҳидҳои дигари синтаксисӣ ишора менамояд ва ҳақ ба ҷониби ӯ аст, чунки воҳидҳои фразеологӣ мустақил ва берун аз таркиб, ибора ва ҷумлаҳои синтаксисӣ вуҷуд дошта наметавонанд.

Дар ин боб воҳидҳои зиёди фразеологии монанди **дили касеро гургон тала кардан, сар аз куҷо, по аз куҷо, ду даст дар бинӣ гурги борондида, ба чашми касе хок пошидан, як сари қадам, қути лоямут, лому мим нагуфтан, гул-гул шукуфтаи, ба чашми касе хок пошидан, бо ҷону дил , даступо гум кардан, сандуқи сина, ангушти шаҳодат, доми бало, дӯст доштан** оварда шуда аз ҷиҳати сохт, маъно ва хусусиятҳои дигари худ аз нуқтаи назари илмӣ мавриди шарҳу эзоҳ қарор гирифтаанд.

Боби дуюм «Воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб ва хосиятҳои муҳимтарини онҳо» ном дорад ва аз се қисм: 1) Воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб ҳамчун як навъи махсуси сохтории воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ; 2) Гунаҳои воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб; 3) Омилҳои ташаккули семантикаи воҳидҳои фразеологии ҳамқолаби забони тоҷикӣ иборат аст.

Боби сеюми рисола “Муносибати воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб бо дигар категорияҳои фразеологӣ” ном дошта, дар он ҷиҳатҳои умумӣ ва фарққунандаи фразеологизмҳои ҳамқолаб бо муродифоти фразеологӣ ва мутазодоти фразеологӣ баррасӣ шудааст. Дар ин боб воҳидҳои фразеологии **мурги посӯхта, дасту по гум кардан, гули сари сабад, ба аспи ҷаҳл савор шудан, ба аспи қаҳр савор шудан, ба аспи ғазаб савор шудан ба аспи хаёл савор шудан, ба аспи ситеза савор шудан, ба аспи такаббур савор шудан, ба аспи чӯбин савор шудан, ба аспи мансаб савор шудан; қолаб тиҳӣ кардан, аз дунё чашм пушидан, ба аспи чӯбин савор шудан, бандагиро ба ҷо овардан, қазо кардан, тосу кӯзаи зиндагиро ғундоштан аз дунё чашм пӯшидан, аз олам чашм пӯшидан, аз ҷаҳон чашм пӯшидан лаб фурӯ бастан, мӯҳри хомӯшӣ бар лаб задан, ба даҳон қулфи хомӯшӣ овехтан** ва ғ. мавриди эзоҳ ва шарҳи ҳамаҷиҳата қарор гирифтаанд.

Дар хулоса муаллиф фикри худро ҷамъбаст намуда, қайд мекунад, ки ҷузъҳои воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: 1.

ҷузъҳои доимӣ; 2. ҷузъҳои ивазшаванда. Аз рӯи сохтор ва таркиби лексикии бошад, воҳидҳои фразеологии ҳамқолаби забони тоҷикиро ба 1. воҳидҳои фразеологии ҳамқолаби дуҷузъа; 2. воҳидҳои фразеологии ҳамқолаби серҷузъа тақсим намудааст.

Қайд кардан лозим аст, ки рисолаи Одинаев С. П. дар шинохти илми фразеологияи тоҷик падидаи нав аст ва арзиши он низ дар ин зоҳир мегардад, ки воҳидҳои фразеологии ҳамқолабро дар забони адабии муосири тоҷик бори аввал аз риштаи таҳқиқ гузаронидааст.

Аз фишурда бармеояд, ки кор бо ҳиммати баланд ва ҳавсалаи тамоми илмӣ анҷом дода шудааст.

Албатта, рисола аз баъзе камбудҳои ночизе, ки тавонанд миқдори онро коста созанд, холӣ нест, аз ҳамин сабаби ночизӣ зикри онҳо ҷоиз дониста нашуд.

Рисола ба ҳама талаботи илмии рисоланависӣ ҷавобгӯ ва муаллифи он барои соҳиб шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ сазовор аст.

Номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи “Лингвистика”-и
Филиали ДДМ ба номи М.В. Ломоносов
дар ш. Душанбе: Н.Д. Гулзода

«Имзои муқарриз Н.Д. Гулзода тасдиқ карда мешавад»
Сардори шуъбаи кадрҳои
Филиали ДДМ ба номи
М.В. Ломоносов дар ш. Душанбе: Ҳ. Т. Назарова